# ХИЗМАТРАСОНИИ “ХУДРО БИСАНҶ” ҲАМЧУН ВОСИТАИ ЁРИРАСОН БАРОИ ДОВТАЛАБОН ДАР НИЗОМИ ИМТИҲОНҲОИ МАРКАЗОНИДАИ ДОХИЛШАВӢ

***Назарзода Рустам Саидмурод,*** *сардори раёсати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: RNazarov@ntc.tj*

Имрӯзҳо дар низоми маорифи аксарияти кишварҳо доираи истифодаи санҷишу имтиҳони педагогӣ ба воситаи тест ҳамчун усули пешрафта барои ба даст овардани маълумоти воқеӣ (объективӣ) ва қиёспазир дар раванди арзёбии натиҷаҳои таълими омӯзандагони муассисаҳои таълимии зинаҳои гуногуни таҳсилот батадриҷ васеъ мегардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оғози давраи татбиқи васеи тестҳои педагогӣ ба соли 2014 – соли роҳандозии низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ (ИМД) ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ рост меояд. Соли шашум аст, ки дар саросари ҷумҳурӣ ИМД дар шакли тест [1] дар байни довталабони курсиҳои донишҷӯйӣ роҳандозӣ мегардад.

Низоми ИМД аз қисмҳои зерин иборат аст: **қисми А (имтиҳони умумӣ)** барои муайян намудани сатҳи дониши функсионалӣ ва иҷтимоии довталаб; **қисми Б (имтиҳони ихтисос)** барои муайян кардани дараҷаи донишу маҳорати довталаб аз рӯйи самтҳо дар доираи гурӯҳи ихтисосҳои интихобшуда; **қисми В (имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорати махсус)** барои санҷидани қобилиятҳои эҷодӣ ва ё малакаю маҳорати махсуси довталаб ва имкониятҳои шахсии ӯ барои аз худ намудани ихтисосҳои дахлдор; **қисми Г (имтиҳонҳои иловагии тахассусӣ)** танҳо барои довталабони ихтисосҳояшонро аз филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе интихобкарда; **қисми Д (имтиҳонҳои иловагии тахассусӣ)** танҳо барои довталабони ихтисосҳояшонро аз Донишгоҳи Осиёи Марказӣ интихобкарда; **кори хаттӣ (эссе)** барои муайян ва арзёбӣ кардани нутқи хаттӣ, маҳорати андешаронӣ, хулосабарорӣ, баёни дуруст ва мураттаби фикри довталаб (дар ИМД-2018 ҷорӣ карда шуда, баъд то соли 2024 мавқуф гузошта шуд) [2]. Аз миёни қисмҳои номбаршуда танҳо имтиҳонҳои қисмҳои А ва Б дар шакли тест гузаронида мешавад.

Дар хизматрасонии “Худро бисанҷ”, ки баёнаш меҳвари асосии мақоларо ташкил медиҳад, усули санҷиши тестии компютерӣ дар ҳолати бархат (online) татбиқ гардидааст. Бино бар ин, дар мақола бартариҳои усули тестгузаронии компютерӣ баррасӣ гардида, баъдан моҳият, ҳадафу вазифа ва нақши хизматрасонии “Худро бисанҷ” дар самти омодашавии довталабон барои бомуваффақият супоридани ИМД баён мегардад.

Истифодаи васеи компютерҳо ва дигар воситаҳои муосири технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) дар раванди таҳсилот ба оғози асри XXI – асри рушди босуръати илму техника рост меояд. Дар ин робита, дар педагогикаи муосир самти дигаре бо номи “тестгузаронии компютерӣ” ба миён омада, сол ба сол пеш рафта истодааст.

**Тестгузаронии компютерӣ** навъи санҷиши тестии педагогӣ буда, бо истифода аз воситаҳои ТИК роҳандозӣ мегардад. Дар тестгузаронии компютерӣ тавлид (генератсия)-и маводди санҷишию андозагирӣ (саволу масъалаҳои тест), арзёбии кори озмудашавандагон ва пешниҳоди натиҷаҳои бадастовардаи онҳо тавассути компютер иҷро мешавад ва дар он таъсири омилҳои инсонӣ ҷой надорад.

Дар таҳсилот тестгузаронии компютерӣ усули самараноки санҷишу арзёбӣ ба ҳисоб меравад, зеро дар он бо сарфи камтарини вақт имкони ташкил ва баргузории санҷиш дар миёни шумораи зиёди озмудашавандагон ҷой дошта, натиҷаҳои боэътимоди онро метавон дарҳол пас аз анҷоми тестгузаронӣ ба даст овард. Тестгузаронии компютерӣ дар муқоиса бо дигар навъҳои тестгузаронии педагогӣ бартариҳои зиёд дорад, аз ҷумла бо имкони:

- ✓ истифодаи шаклҳои гуногуни пешниҳоди маълумот (матн, расм, графика, овоз, навор, аниматсия ва ғайра) ва навъҳои гуногуни саволу масъалаҳои тест ҳангоми таҳияи маводди санҷишию андозагирӣ;
- ✓ таҷдиди доимии пойгоҳи саволу масъалаҳои тест ё вобаста аз мавзӯъҳои алоҳидаи фанни таълимӣ;
- ✓ тавлиди фаврии гуна (вариант)-ҳои зиёди саволномаҳои тест дар доираи пурраи мавзӯъҳои фанни таълимӣ ё мавзӯъҳои дигар (вобаста аз сохтори саволномаҳои тест);
- ✓ дар реҷаи вақти воқеӣ (новобаста аз макону замон) ташкил ва баргузор кардани санҷиш, таъмини шарту шароити якхела барои ҳамаи озмудашавандагон;
- ✓ воқеӣ (объективона) арзёбӣ гардидани натиҷаҳои санҷиш ва сарфаи кори омӯзгор ва таъмини адолату шаффофӣ дар рафти тестгузаронӣ;

✓ коркарди фаврии натиҷаҳои тестгузаронӣ ҷиҳати дарҳол шинос кардани озмудашаванда бо натиҷаи бадастовардааш;

✓ ҷой надоштани таъсири омилҳои инсонӣ (истисно кардани равишҳои субъективӣ аз ҷониби имтиҳонгиранда);

✓ ба даст овардан ва дар бойгонӣ нигоҳ доштани ҳаҷми зиёди додаҳои таҷрибавӣ (натиҷаҳои санҷиши доираи васеи озмоишшавандагон);

✓ имкони истифодаи усули мувофиқгардонӣ (рус. *адаптивный метод*), ки тибқи он вобаста аз натиҷаҳои пештар бадастомада (ҷавобҳои озмудашаванда ба саволу масъалаҳои пешина) раҳбурдӣ (стратегия)-и санҷиш дар рафти тестгузаронӣ тағйир меёбад;

✓ ба таври худкор (автоматӣ) ба роҳ мондани коркарди натиҷаҳои тестгузаронӣ, аз ҷумла таҳлилҳои муқоисавӣ нисбат ба ҳаҷми калони додаҳо, ба даст овардани маълумоти омории гуногун, таҳияи шаклҳои гуногуни ҳисоботҳо;

✓ таъмини дастрасии танҳо шахсони ваколатдор (тавассути рамзҳои махфӣ) ба натиҷаҳои тестгузаронӣ барои таҳлилҳои гуногун;

✓ таъмини талабот нисбат ба амнияти иттилоотӣ: аз ҳисоби суръати баланди додугирифти додаҳо дар хатҳои алоқаи телекоммуникатсионӣ ва истифодаи усулҳои муосири рамзбандию рамзкушоӣ (криптографӣ) пешгирӣ кардани ҳолатҳои ифшо ва паҳншавии мундариҷаи саволномаҳои тест ва дар ҳолатҳои зарурӣ фавран ба кор бурдани пойгоҳи эҳтиётии саволу масъалаҳои тест ва тавлиди гунаҳои комилан дигари саволу масъалаҳо.

Бо вуҷуди бартарию хубиҳояш, тестгузаронии компютерӣ аз камбудиҳо низ орӣ нест, аз ҷумла:

✓ мушкилот дар таҳияи гунаҳои дуруст ва нодурусти ҷавобҳо ба саволу масъалаҳои тест (калид ва дистракторҳо), махсусан дар доираи фанҳое, ки бевосита ба қонуниятҳои умумии инкишофи табиат ва ҷомеа алоқаманданд. Масалан, фалсафа, таърих, иқтисодиёт, бахшҳои алоҳидаи астрономия, физика ва ғайра, ки дар онҳо ҷавобҳои гуногуншаклу ғайриқолабӣ ҷой дошта метавонанд, ё дар онҳо на ҳамеша аз шакли яксони ҷавоб (“ҳа” ё “не”) истифода кардан имкон дорад;

✓ эҳтимоли ҷой доштани номувофиқатӣ байни фикри озмудашаванда ва таҳиягари саволу масъалаи тест, ки дар натиҷа, ҷавоби дуруст метавонад ҳамчун посухи нодуруст ҳисобида шавад;

✓ имконнопазир будани арзёбии қобилиятҳои эҷодӣ ва малакаю маҳорати махсуси довталаб аз рӯйи самтҳои дахлдор;

✓ имконнопазир будани таҳлили усули кор ва амалҳои зеҳнии озмудашаванда дар ҳалли мисолу масъалаҳо;

✓ одат кардани озмудашаванда ба ҷавобҳои тайёру қолабӣ, ки боиси коҳиши истеъдоду қобилияташ ё маҳдудияти қобилияти ӯ дар озодонаю босаводона баён кардани фикраш мегардад;

✓ мусоидат карда натавонистан ба рушди нутқи шифоҳӣ ва хаттии озмудашаванда;

✓ ҷой доштани ҳолатҳои эҳтимолӣ (амалҳои таваккалӣ) дар рафти санҷиш (таваккалан интихоб кардани гунаҳои ҷавоб; дуруст ҷавоб додан ба саволу масъалаҳои мушкилтар, аммо дар пешниҳоди ҷавоб ба саволу масъалаҳои нисбатан осон ба ғалатҳои тасодуфӣ роҳ додан);

✓ душворӣ, заҳматталабӣ ва гаронарзишии раванди таҳияи таъминоти барномавии зарурӣ барои роҳандозии тестгузаронии компютерӣ;

✓ эҳтиёҷ ба таҷҳизоти компютерӣ ва воситаҳои телекоммуникатсионии махсус ва гаронбаҳо;

✓ талабот нисбат ба озмудашаванда оид ба доштани малакаю маҳорат ва қобилияти истифода аз таҷҳизоти компютерӣ ва таъминоти барномавӣ.

Тестгузаронии компютерӣ ҳангоми таҳияи хизматрасонии “Худро бисанҷ” татбиқ карда шудааст. Хизматрасонии мазкур бо мақсади таъмини доираи васеи алоқамандони низоми ИМД, пеш аз ҳама довтабон, бо маводди методию ёрирасон оид ба қисм ва субтестҳои имтиҳон барои омодашавӣ ба ИМД пешбинӣ шудааст. Он ҳамчун низоми иттилоотии мукаммал аз рӯйи сохтори “мизоҷ-сервер”, ки бар истифодаи технологияҳои Web асос меёбад, дар шакли Web-барномаи алоҳида таҳия гардидааст. Бино бар ин, барои истифода аз имкониятҳои хизматрасонӣ довталаб ё шахси дигари хоҳишмандро (ҳамчун “мизоҷ”-и низом) зарур аст, ки шарт ва талаботи зеринро иҷро намояд:

✓ имконияти пайваст шудан ба шабакаи Интернет (ба воситаи компютер, телефони мобилӣ ва ғайра) ва малакаю маҳорати истифода аз он;

✓ почтаи электронӣ дошта бошад, то ки онро барои дастрас кардани рамзи воридшавӣ ба хизматрасонӣ истифода барад;

✓ талаботро нисбат ба бехатарии иттилоот риоя кунад (махсусан, махфӣ нигоҳ доштан ва ифшо накардани рамзи бадастовардааш).

Агарчи доираи мизоҷони хизматрасонии “Худро бисанҷ” танҳо бо довталабон маҳдуд намегардад, барои таҳлилҳои минбаъда мо ҳамчун истифодабарандаи ин хизматрасонӣ фақат довталабонро дар назар дорем.

Хизматрасонии “Худро бисанҷ” аз ҷониби мутахассисони касбии соҳаи ТИК-и Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, аз оғози соли 2017 дар шабакаи Интернет бо нишонии **http://onlinetest.ntc.tj/** барои истифодаи озод дастрас аст.

Хизматрасонии “Худро бисанҷ” ба довталаб имкон медиҳад, ки бо корбарӣ аз шабакаи Интернет имтиҳони тест супорида, дараҷаи донишу малакаи худро санҷад, бо намунаи саволу масъалаҳои тести барои ИМД пешбинишуда ва тарзи иҷрои онҳо шинос шавад. Хусусияти хоси хизматрасонӣ дар ин аст, ки мазмуну мундариҷа ва шумораю навъи саволу масъалаҳои тест, пайдарпайии онҳо дар саволномаи тест ва меъёрҳои холгузорӣ ба ҳолати воқеии ИМД монанд аст.

Шарти асосии корбарӣ аз хизматрасонии “Худро бисанҷ” доштани почтаи электронист, зеро танҳо ба воситаи чунин почта рамзи истифодабарӣ аз хизматрасониро барои супоридани имтиҳони тест ба даст овардан мумкин аст.

Довталаб аз ин хизматрасонӣ пайваста истифода карда метавонад. Ҳар боре довталаб вориди он мешавад, ба ӯ барнома саволу масъалаҳои дигарро ба таври тасодуфӣ таҳия ва пешниҳод месозад. Дар низоми ИМД саволу масъалаҳои тест дар се навъ (ниг. ба расмҳои 1-3) таҳия мешаванд: **навъи пӯшида** – саволу масъалаҳои тест бо интихоби як ҷавоби дуруст; **навъи мувофиқат** – саволу масъалаҳои тест барои муайян кардани мувофиқат; **навъи кушода** – саволу масъалаҳои тест бо ҷавоби кӯтоҳ [3].




Расми 1. Намунаи навъи пӯшидаи саволу масъалаҳои тест




Расми 2. Намунаи навъи мувофиқати саволу масъалаҳои тест




Расми 3. Намунаи навъи кушодаи саволу масъалаҳои тест

Дар субтестҳои математика, физика ва химия ҳар се навъи саволу масъалаҳои тест истифода мешаванд ва дар субтестҳои дигар танҳо ду навъ: пӯшида ва муайян кардани мувофиқат. Пойгоҳи саволу масъалаҳои тести хизматрасонии “Худро бисанҷ” аз ҳисоби саволномаҳои тести имтиҳонҳои воқеии солҳои пеш пайваста навсозӣ ва пурра мегардад. Айни замон дар он 6 651 саволу масъалаи тест ҷой дода шудааст (ниг. ба ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. Шумораи саволу масъалаҳои тест дар пойгоҳи додаҳои хизматрасонии “Худро бисанҷ”

| **Субтест (фанни имтиҳон)** | | **Шумораи саволу масъалаҳо** | **аз ҷумла, навъи** | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | **пӯшида** | **мувофиқат** | **кушода** |
| **ҚИСМИ А – ИМТИҲОНИ УМУМӢ** | | | | | |
| **Ҳамагӣ** | | **2 132** | **1 709** | **278** | **175** |
| аз ҷумла: | Забони тоҷикӣ | 460 | 366 | 94 | – |
| | Математика | 926 | 683 | 68 | 175 |
| | Таърихи халқи тоҷик | 505 | 439 | 66 | – |
| | Асосҳои давлат ва ҳуқуқ | 241 | 221 | 20 | – |

| Субтест (фанни имтиҳон) | | Шумораи саволу масъалаҳо | аз ҷумла, навъи | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | пӯшида | мувофиқат | кушода |
| **ҚИСМИ Б – ИМТИҲОНИ ИХТИСОС** | | | | | |
| **Ҳамагӣ** | | **4 519** | **3 439** | **813** | **267** |
| аз ҷумла: | Математика | 594 | 440 | 44 | 110 |
| | Физика | 396 | 216 | 90 | 90 |
| | Химия | 550 | 417 | 66 | 67 |
| | Биология | 416 | 320 | 96 | – |
| | География | 349 | 280 | 69 | – |
| | Забон ва адабиёти тоҷик | 140 | 105 | 35 | – |
| | Забон ва адабиёти рус | 120 | 90 | 30 | – |
| | Забон ва адабиёти ӯзбек | 120 | 90 | 30 | – |
| | Забони англисӣ | 289 | 233 | 56 | – |
| | Забони немисӣ | 184 | 160 | 24 | – |
| | Забони франсавӣ | 280 | 224 | 56 | – |
| | Забони арабӣ | 281 | 224 | 57 | – |
| | Таърих | 500 | 400 | 100 | – |
| | Ҳуқуқи инсон | 300 | 240 | 60 | – |
| **ҲАМАГӢ** | | **6 651** | **5 148** | **1 061** | **442** |

Хизматрасонии “Худро бисанҷ” ба довталаб имкон медиҳад, ки дар доираи имтиҳони қисми А ё қисми Б худро санҷад. Ӯ метавонад қисми имтиҳонро пурра (се субтести дахлдорро дар якҷоягӣ) ё субтести алоҳидаро интихоб намуда, аз рӯйи он имтиҳон супорад. Ҳангоми супоридани тест ба довталаб имкон дода мешавад, ки дар доираи вақти барои иҷрои тест ҷудогардида ба саволҳои навбатӣ ё пештара баргашта, ҷавобҳои худро пеш аз анҷоми тест такроран санҷад. Дар охир ба довталаб дар бораи натиҷаҳои бадастовардааш маълумот пешниҳод мегардад (ниг. ба расми 4). Маълумот рӯйхати саволу масъалаҳои ба довталаб пешниҳодгардидаро низ бо нишон додани ҷавобҳои довталаб ва ҷавобҳои дуруст (калидҳо) дарбар мегирад (ниг. ба расми 5). Ин имкон медиҳад, ки довталаб ба воситаи худсанҷӣ бо ғалатҳои роҳдодааш шинос шуда, минбаъд аз пайи омӯзиши амиқтари мавзӯъҳои зарурӣ шавад.




Расми 4. Натиҷаҳои бадастовардаи довталаб




Расми 5. Ҷавобҳои довталаб ва калидҳои саволу масъалаҳои пешниҳодгардида

Дар хизматрасонии “Худро бисанҷ”, инчунин, имкони пешниҳоди матнҳои апеллятсионӣ мавҷуд аст, ки онро довталаб метавонад нисбат ба ҳар саволу масъалаи ба ӯ пешниҳодгардида истифода кунад. Дар сурати норозӣ будани довталаб аз рафти арзёбӣ (холгузорӣ)-и ҷавобҳояш ба як ё якчанд саволу масъала, ё ҷой доштани ғалатҳои техникӣ дар мазмуну мундариҷаи саволу масъалаҳои тест ва ғайра, ӯ метавонад назари хешро иброз дорад (ниг. ба расми 6). Матнҳои апеллятсионӣ фавран ба нишонии почтаи электронии махсуси Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шуда, аз ҷониби мутахассисони дахлдор мавриди омӯзишу баррасӣ қарор мегиранд.




Расми 6. Тарзи пешниҳоди матни апеллятсионӣ

Дар ҳақиқат, хизматрасонии “Худро бисанҷ” дорои хусусиятҳои хос ва имкониятҳои зиёдест. Аз ин ҷост, ки он барои довталаб воситаи хуби ёрирасон ба ҳисоб меравад. Истифодаи ҳамешагӣ аз ин хизматрасонӣ ба довталаб барои хуб омода шудан ба ИМД ва бомуваффақият супоридани он мусоидат мекунад, зеро ба ин восита ӯ то баргузории имтиҳонҳои воқеӣ аллакай бо сохтори қисмҳои имтиҳон ва субтестҳои он, навъи саволу масъалаҳои тест ва тарзи дурусти пешниҳоди ҷавобҳо, меъёри холгузорӣ ва ғайра ба хубӣ шинос мешавад. Чунин ҳолат, бешубҳа, боиси кам ё тамоман нест шудани ҳаяҷону изтироби довталаб ва бештар гардидани боварӣ ба худаш ҳангоми супоридани имтиҳонҳои воқеӣ мешавад. Аммо, мутаассифона, на ҳамаи довталабон аз ин хизматрасонии барояшон муфид самараноку васеъ истифода мебаранд.

Ҳарчанд хизматрасонии “Худро бисанҷ” аз аввали соли 2017 дастрас роҳандозӣ шуда буд, аммо, умуман, тайи соли 2017 аз он ҳамагӣ 15 517 нафар истифода кардааст, ки дар муқоиса бо шумораи умумии довталабони дар ИМД-2017 азқайдгузашта (96 541 нафар) 6,2 маротиба кам буда, ҳамагӣ 16,07 %-ро ташкил медиҳад. Дар соли 2018 (моҳҳои январ – сентябр), аз ин хизматрасонӣ ҳамагӣ 39 732 довталаб истифода кардааст, ки дар муқоиса бо шумораи умумии довталабони дар ИМД-2018 номнависшуда (95 817 нафар) 2,4 маротиба кам аст ва 41,47 %-ро ташкил медиҳад.

Ҷадвали 2. Ҳолати истифодаи хизматрасонии “Худро бисанҷ” аз ҷониби довталабон дар солҳои 2017 (январ-декабр) ва 2018 (январ-сентябр)

| Моҳ | Шумораи корбарон дар солҳо | |
|---|---|---|
| | **2017** | **2018** |
| Январ | 7 | 1 457 |
| Феврал | 468 | 5 184 |
| Март | 674 | 5 491 |
| Апрел | 978 | 5 084 |
| Май | 1 802 | 3 963 |
| Июн | 4 941 | 10 764 |
| Июл | 5 610 | 6 958 |
| Август | 156 | 518 |
| Сентябр | 82 | 313 |
| Октябр | 113 | – |
| Ноябр | 320 | – |
| Декабр | 366 | – |
| **ҲАМАГӢ** | **15 517** | **39 732** |

Новобаста аз он ки хизматрасонии “Худро бисанҷ” ҳамеша дар шабакаи Интернет барои алоқамандон дастрас аст, аммо давраи нисбатан фаъоли истифодаи он аз ҷониби довталабон моҳҳои феврал-августро дарбар мегирад, зеро ҳамасола маъракаи васеи иттилоърасонӣ оид ба низоми ИМД дар миёни довталабон аз моҳи феврал оғоз мешаваду имтиҳонҳо моҳи июл баргузор мешаванд (дар моҳи август натиҷаҳои тақсимоти довталабон ба муассисаҳои таълимии дахлдор сурат мегирад). Табиист, ки пас аз баргузории ИМД аксарияти довталабон аз истифодаи қариб ҳама гуна воситаҳои ёрирасон канораҷӯйӣ мекунанд. Аз ин лиҳоз, аз нигоҳи мо, барои таҳлилҳои муқоисавӣ оид ба ҳолати корбурди хизматрасонии “Худро бисанҷ” дар солҳои 2017 ва 2018 маҳз интихоби давраи нисбатан фаъол (моҳҳои феврал – август) ба мақсад мувофиқ хоҳад буд (ниг. ба ҷадвали 3 ва расми 7).

Аз ҷадвали 3 барьало маълум аст, ки дар муқоиса бо соли 2017 шумораи довталабони аз хизматрасонии мазкур истифодакарда дар соли 2018 ба маротиб афзудааст. Аммо онро наметавон қонеъкунанда шуморид, зеро дар қиёс бо шумораи умумии довталабони азқайдгузашта он ҳиссаи камро ташкил медиҳад.

Ҷадвали 3. Ҳолати истифодаи хизматрасонии “Худро бисанҷ” аз ҷониби довталабон дар солҳои 2017 ва 2018 (феврал-август)

| Сол | Феврал | Март | Апрел | Май | Июн | Июл | Август |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2017 | 468 | 674 | 978 | 1 802 | 4 941 | 5 610 | 156 |
| 2018 | 5 184 | 5 491 | 5 084 | 3 963 | 10 764 | 6 958 | 518 |
| Таносуб (маротиба) | 10,1 | 7,1 | 4,2 | 1,2 | 1,2 | 0,2 | 2,3 |

Тавре аз расми 7 аён аст, шумораи бештарини довталабони аз хизматрасонии “Худро бисанҷ” истифодакарда ба моҳҳои июн ва июл рост меояд, ки бесабаб нест. Азбаски ИМД ҳамасола аз 1-уми июл баргузор мешавад, то ин давра, махсусан рӯзҳои пеш аз баргузории имтиҳонҳо, шумораи ҳарчи бештари довталабон барои омодагӣ ба ИМД, дар қатори воситаҳои дигари методию ёрирасон, аз хизматрасонии “Худро бисанҷ” низ ба кор мебаранд. Баъди супоридани имтиҳонҳо шумораи чунин довталабон коҳиш меёбад.




Расми 7. Ҳолати истифодаи хизматрасонии “Худро бисанҷ” аз ҷониби довталабон дар солҳои 2017 ва 2018 (феврал – август)

Аз нигоҳи мо, дар солҳои минбаъда барои боз ҳам беҳтар гардонидани ҳолати истифодаи хизматрасонии “Худро бисанҷ” аз ҷониби довталабон зарур аст, ки дар барномаҳои кории фанҳои таълимии ба соҳаи ТИК алоқаманд (ҳадди ақал барои синфҳои хатмкунанда) барои машғулиятҳои сирф амалӣ якчанд соати дарсӣ ҷудо карда шавад. Муаррифӣ кардани имконият, хусусиятҳои хос ва бартариҳои умдаи хизматрасонии “Худро бисанҷ”, бешубҳа, метавонад шавқу рағбати хатмкунандагон – довталабони ояндаро барои истифодаи мақсаднок ва самараноки хизматрасонӣ бештар гардонад.

## АДАБИЁТ

1. Назаров Р. С. Имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ – татбиқгари усули тестгузаронии мутамарказ ва фарогир / Р. С. Назаров // Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2017. – № 1-4 (49). – С. 193-199.
2. Назаров Р. С. Хусусият ва сохтори қисмҳои имтиҳони тестӣ дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ / Р. С. Назаров // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2018. – № 3 (28).
3. Роҳнамои довталаб: Дастури иттилоотию методӣ. – Душанбе: Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019. – 220 с.